**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7, ауд 102)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин дар мавзуи "Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Вақтҳои охир масъалаи баланд бардоштани сифати менеҷменти субъектҳои хоҷагидории соҳаи кишоварзӣ бо роҳи таъмини роҳбарият бо маълумоти пурра, дақиқ ва сариваќтӣ мубрам ба шумор меравад. Ҷустуҷӯи илмии роҳи ҳалли масъалаи мазкур, бо мурури замон, ҷудо кардани намуди алоҳидаи баҳисобгирӣ – баҳисобгирии идоракуниро асоснок намуд. Пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ барои таҷрибаи муҳосибии корхонаҳое, ки дорои сохтори ташкилии мураккаб, номгӯйи васеъи моддаҳои хароҷот, амалиётҳои технологии гуногун ва ғайра мебошанд, бештар мубрам ба назар мерасад. Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ барои бадастории маълумоти боэътимод дар бораи вазъи кунунии кори сегментҳо, бригадаҳо, намудҳои зироатҳои рӯёндашуда, баҳодиҳии хавфҳо, натиҷаҳои фаъолияти зерсохторҳо ва роҳбарон, иҷрои банақшагирии молиявии дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат, аз он ҷумла банақшагирии хароҷот, пешбинии фоида ва максималигардонии он ва ғ. мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, бояд тазаккур дод, ки мавзуи интихобнамудаи диссертатсияи Абдулмуминзода Н. А. дар айни замон мубрам аст.

Аз рӯйи автореферат хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертационӣ аз ҷониби муаллиф дар сатҳи баланд анҷом ёфтааст. Саҳми арзандае, ки муаллиф барои рушди баҳисобгирии идоракунӣ гузоштаст, ба ақидаи мо, ин асоснок кардани рисолати баҳисобгирии идоракунӣ дар

шароити ҳозира ва таърифи муаллифии баҳисобгирии идоракунӣ (с.10), инчунинин муайян намудани мавқеи хароҷот дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва таснифоти он дар корхонаҳои кишоварзӣ мебошанд.

Амсилаи вобастагии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва ташаккули фонди музди меҳнат дар корхонаҳои кишоварзӣ, ки муаллиф пешниҳод менамояд, қобили қабул мебошад (с.13).

Мо ба ақидаи муаллиф, ки масъалаи таъминоти иттилоотӣ дар замони муосир барои идоракунии босамари истеҳсолоти кишоварзӣ аҳаммияти бузург дошта, дар робита бо баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ бознигарии амиқи ҳам муҳтавои баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳам хусусиятҳои ташаккули ҳисоботи идоракунӣ, воситаҳои методии ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзиро талаб менамояд, розӣ мешавем (с.19).

Тавсияҳое, ки оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар автореферат пешниҳод гардидаанд, аз ҷумла масъалаҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар корхонаҳои кишоварзӣ, таснифи дурусти хароҷоти субъекти кишоварзӣ, методикаҳои тавсиягардида барои бунёди иттилооти зарурӣ оид ба хароҷоти музди меҳнат, ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот, назорати баҳисобгирии фонди музди меҳнат, интихоби объектҳо барои тақсими он, муайянкунии таркиби музди меҳнат, ҳосилнокии меҳнат аз рӯйи зироатҳои алоҳида ва ғ. бо асолат ва асоснокии хулосаҳову пешниҳодот фарқ мекунанд.

Умуман, диссертатсияи Абдулмуминзода Н. А. як таҳқиқоти мустақилона ва мукаммали илмӣ буда, дар сатҳи баланди назариявӣ иҷро гардидааст ва пешниҳоду хулосаҳои асоснокеро дар бар мегирад, ки манфиати амалию методӣ доранд.

Дар баробари муваффақиятҳои муҳимми автореферат, аз ҷониби мо ба таври тавсия пешниҳод мегардад, ки ба назар гирифтани он метавонад аҳаммияти илмии корро афзун кунад:

Аз сабаби он ки мавзуи диссертатсияи номзадии унвонҷӯй ба яке аз масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ ва шаклгирии арзиши

аслии маҳсулоти кишоварзӣ бахшида шудааст, ба андешаи мо, муаллиф бояд ба масъалаҳои коҳиши арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ бештар диққат медод, ки он дар навбати худ ба афзоиши фоидаи корхонаҳо оварда мерасонад.

Бояд баён намуд, ки эроди дар боло зикршуда ба мазмуни асосии диссертатсия ва баҳои умумии мусбати он таъсир намерасонад. Автореферат ва мақолаҳои чопшуда сохтори диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегиранд.

Дар маҷмӯъ, чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки диссертатсия ба талаботҳои б. 31, 33, 34, 35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти рақами 267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Абдулмуминзода Н. А. ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, сазовор аст.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи
“Баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит”-и
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Файзуллоев А.Х.

Имзои Файзуллоев А.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.

Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон
**Суроға:** 734025, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30, бинои таълимии 2, ҳуҷраи 310
**Тел:** (+992) 93 936 95 69
**E-mail:** abdurozik_fayzulloev@mail.ru